# ҚАРОРИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 14 декабри соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Миралӣ Шералиро дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (роҳбари илмӣ: Маҳмудов Изатулло Тешаевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон» (ш. Душанбе)», тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм; Абдуллоева Мадина Камоловна – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Искандаров З.Ҳ., Мирзамонзода Х.М., Муҳамадиев И.С. ва баромади муқарризони ғайрирасмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ализода Зариф ва Сафарзода Некруз Файзӣ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мӯдири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Шерализода Миралӣ Шерали, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шерализода Миралӣ Шерали дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Шерализода Миралӣ Шерали дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Шерализода Миралӣ Шералиро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ба қарори мазкур тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**